«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Данғара»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ

«___» ______________ с. 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» ба диссератсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст. ш. Душанбе, 2025. – 168 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссератсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)» ба масоли таҳвил бахшида шуда, муаллиф зимни омӯзиши мавод ва сарчашмаи таҳқиқот онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки** тарҷума, пеш аз ҳама, тарҷумаи бадеӣ яке аз шаклҳои фаъолияти байни фарҳангу миллатҳост. Фарҳангу тамаддун ва осори илмию адабии миллат барои муаррифӣ шудан ба фаъолияти тарҷумонӣ вобаста аст. Бо пешрафти ҷомеаи мутамаддин забон низ мунтазам рушду таҳаввул мекунад ва дар тарҷумаи ин ё он асари бадеӣ тағйироте ба вуҷуд меоянд, ки онҳо барои тарҷумон мушкилот эҷод менамоянд. Аз ин рӯ, мушкилоти тарҷума дар осори ҳунарӣ ва тағйироти наҳвӣ ҳангоми тарҷума, махсусан дар доираи асари бадеӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошанд.

Инчунин, масъалаи тағйироти наҳвӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавии асари бадеӣ, анъанаҳои корбурди он дар забони муосири англисӣ ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва

мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили он дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бори аввал сурат мегирад.

Аз ин рӯ, пажуҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, дар асоси тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Эрнест Ҳемингвей бахшида шуда, дар илми забоншиносии тоҷик саҳифаи тозаест.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Диссертатсия таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвиро дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ таъмин менамояд. Таҳлили илмии тарҷума дар татбиқи таҳвилоти сарфӣ ва наҳвӣ дар раванди тарҷумаи бадеӣ аз рӯйи мулоҳиза ва ақидаҳои олимону муҳаққиқони соҳа сурат гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетсатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуаҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию донишгоҳӣ интишор гардидаанд.

Хулосаҳои муаллиф оид ба амалисозии мавзуи мазкур маводи фактологӣ аз адабиёти бадеӣ ва луғатҳои забонҳои англисиву тоҷикӣ гирдоваришуда буда, илман асоснок карда шудааст.

Ҳамчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №438) сурат гирифтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей аз англисӣ ба тоҷикӣ) ҳанӯз мавриди пажуҳиши илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи мазкур нахустин кӯшиш дар мавриди таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ ва, ҳамзамон, сарфӣ дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад, ки диққати муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро ба худ ҷалб намудааст. Инчунин, дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои сарфӣ ва наҳвии ҷумлаҳои асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей ва таҳвили онҳо ҳангоми интиқол ба забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои таҳқиқ тафовут ва умумиятҳои ҷойдоштаро дар таркиби ҷумлаҳои англисӣ ва тоҷикӣ муайян месозад, ки дар заминаи мутобиқсозии матни асл ба меъёрҳои

забони тарҷума ба вуҷуд омадаанд. Дар пажуҳиши мазкур роҳу усулҳои татбиқи таҳвилоти тарҷумавӣ ва, дар ин замина, ташаккули шакли муназзами ҷумлаи матни тарҷумавӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Истифодаи методология ва методикаи мушаххаси муқоисаи низоми наҳвӣ ҳангоми тарҷумаи асарҳои бадеӣ дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳангоми омӯзиши фанни забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд истифода шаванд. Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ ба бартараф намудани мушкилоти сарфию наҳвӣ дар раванди тарҷума аз як забон ба забони дигар ва, ҳамзамон, ба рушди таҳқиқоти минбаъда дар самти забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои диссертатсия ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд корбурд шаванд.

Истифодаи мисолҳои диссертатсия аз асари бадеӣ ҳамчун воситаи аёнӣ дар курсҳои забоншиносӣ ва грамматикаи муқоисавӣ, назария ва амалияи тарҷума барои омӯзиши забони тоҷикӣ ва англисӣ аз манфиат орӣ нест.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Дараҷаи эътимоднокии кори таҳқиқотии мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд.

Инчунин, диссертатсия, таҳқиқи вижагиҳои таҳвилоти наҳвиро дар раванди тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ таъмин менамояд. Таҳлили илмии тарҷума дар татбиқи таҳвилоти сарфӣ ва наҳвӣ дар раванди тарҷумаи бадеӣ аз рӯйи ақидаҳои олимону муҳаққиқони соҳа сурат гирифтааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми докторант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст бо такя ба мавод ва сарчашмаи таҳқиқ вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни

бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода, бо ин васила, роҳу воситаҳои истифодаи таҳвилоти тарҷумавӣ дар раванди тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеӣ муайян кардааст. Маводди назариявӣ ва амалии дар диссертатсия истифодашуда барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдоштаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад, ки ин сеҳми бевоситаи довталабро ташкил медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Докторант вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ ба чоп расонидааст. Интишороти диссертант натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар бар гирифта, бевосита ба мазмуну муҳтавои диссертатсия равона гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна бо назардошти мақсад ва вазифаҳои гузоштташудаи таҳқиқот давомнокии мантиқиро фарогир буда, аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, даҳ зербоб хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва номгӯйи интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Диссертатсия 168 номгӯйи адабиётро дар бар гирифта, матни он 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи тадқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон, дар тавсифи умумии таҳқиқот мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, инишороти доҷталаб ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумот оварда шудааст.

Қисматҳои дастгоҳи илмии диссертатсия аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ дуруст корбаст гардидаанд.

Боби якуми диссертстсия **«Тарҷумаи бадеӣ ва хусусиятҳои он»** унвон гирифта, фарогири 3 зербоб аст. Масъалаҳои баррасишавандаи ин боб ҷанбаҳои умдаи назарияи тарҷумаи бадеӣ, мавқеи хусусиятҳои услубӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар назарияи тарҷумаи бадеӣ ва қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ мебошанд.

Муаллиф доир ба масъалаҳои умдаи назарияи тарҷумаи бадеӣ қайд намудааст, ки тарҷума ҳамчун фаъолияти эҷодӣ дар забон муносибати байнизабонии матни асл ва матни тарҷумаро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки мақсади асосии он интиқоли мазмун ва муҳтаво ба забони тарҷума сарфи назар аз жанр ва услуб меистад.

Инчунин, дар хусуси мавқеи хусусиятҳои услубӣ ва лексикӣ-грамматикӣ дар назарияи тарҷумаи бадеӣ диссертант қайд менамояд, ки барои дар сатҳи баланд тарҷума намудани матнҳои бадеӣ дар баробари низоми луғавӣ ва фразеологӣ тарҷумонро зарур аст, ки бо низоми дастурии забонҳои тарҷумашаванда ошно бошад, зеро яке аз мушкилоти асосии тарҷума мушкилии дастурӣ мебошад.

Вобаста ба қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар раванди тарҷумаи асарҳои бадеӣ муаллиф ба чунин натиҷа расидааст, ки таҳқиқи қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои луғавӣ дар раванди тарҷума муҳим арзёбӣ мегардад. Бо мақсади муайян кардани мутобиқатҳои луғавӣ ва грамматикӣ забоншиносону тарҷумашиносон раванди тарҷумаро бо муқоиса намудани матни асл ва матни тарҷума меомӯзанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Заминаҳои забоншиносии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ»** ном дошта ба 3 зербоб ҷудо гардидааст. Дар ин боб асосҳои назариявии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ ва омилҳои истифодаи онҳо, низоми наҳвии калимаҳо дар ҷумла: воҳидҳои наҳвӣ ва маъноӣ ва таҳвили сарфии матни бадеии тарҷумавӣ аз англисӣ ба тоҷикӣ мавриди омӯзшу баррасӣ қарор гирифааст.

Доир ба таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ ва омилҳои истифодаи онҳо диссертант ба чунин натиҷа расидааст, ки барои ифшои моҳияти мафҳуми “таҳвили тарҷумавӣ” мо ба тарҷума ҳамчун худи раванд, яъне ҳамчун амал аз феъли тарҷума манфиатдор ҳастем, ки дар натиҷаи он матни тарҷума дар маънои аввал пайдо мешавад.

Роҷеъ ба аҳамияти низоми наҳвии калимаҳо дар ҷумла: воҳидҳои наҳвӣ ва маъноӣ диссертант қайд намудааст, ки саҳми низоми наҳвии калима дар муайян сохтани ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла ва мутобиқатҳои онҳо дар забони тарҷума калон буда, ин тартиб бештар дар муайян кардани омонимҳо ёрӣ мерасонад. Барои анҷом додани тарҷумаи

мукаммал донистани меъёрҳои тағйироти наҳвӣ дар тарҷумаи матни бадей ва қобилияти татбиқи онҳо тақозо мегардад.

Инчунин, вобаста ба таҳвили сарфии матни бадеии тарҷумавӣ аз англисӣ ба тоҷикӣ муаллиф чунин андеша намудааст, ки мушкилии тарҷумаи таҳвилӣ дар он аст, ки азхудкунии забони хориҷӣ танҳо бо азхудкунии низоми мафҳумҳо маҳдуд намешавад. Забон на аз мафҳумҳо, балки аз калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо иборат аст. Аз ин рӯ, маънои калима ва ҷумларо мутобиқати луғавӣ-фразеологӣ ва маъноҳои иҷтимоӣ-забонӣ муайян мекунанд, бинобар ин, ҳолатҳои комилан мувофиқати доираи маъно ва қоидаҳо дар нутқ хеле каманд.

Боби сеюми диссертатсия **“Хусусиятҳои типологии ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)”** унвон дошта, фарогири 4 зербоб аст. Дар ин боб масоили назариявии ҷумла ва хусусиятҳои он, ҷумлаи сода ва хусусиятҳои он дар матни бадеии тарҷумавӣ, таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мураккаб дар матни бадеии тарҷумавӣ, тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асараи Э. Ҳемингвей “ Пирамард ва баҳр” аз англисӣ ба тоҷикӣ маълумот оварда шудааст.

Роҷеъ ба масъалаи ҷумла ва хусусиятҳои он диссертант ба чунин натиҷа омадааст, ки ҷумла воҳиди забониест, ки ифодакунандаи муташаккили вожаҳо буда, тавассути маъно ва оҳанг ифода мегардад. Ҳамаи забонҳо, дар умум, дар низоми муайяни калимаҳои маънодор ифода гашта, дар онҳо мавқеи асосиро ҷумла ишғол менамояд ва ҷумла бошад, ифодагари фикр аст. Нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа оид ба ҷумла гуногун буда, яке мухолифи дигарест.

Доир ба ҷумлаи сода ва хусусиятҳои он дар матни бадеии тарҷумавӣ муаллиф қайд кардааст, ки ҷумлаҳои сода вобаста ба иштироки сараъзои ҷумла дутаркиба ва яктаркиба мешаванд ва дир ин қисмат дар заминаи сарчашмаи таҳқиқ мисолҳои мушаххас оврада шудааст.

Оид ба таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои мураккаб дар матни бадеии тарҷумавӣ диссертант чунин овардааст, ки дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак нақши оҳанг хеле калон аст. Оҳанг ба нутқи шифоҳӣ хос аст ва аз ин ҷо, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак бештар ба нутқи гуфтугӯйӣ мансуб мебошанд. Дар китоби “Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей қариб, ки ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак дида намешавад. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак дар муколама ва жанрҳои фолклорӣ бештар истифода мешаванд.

Дар хусуси тағйироти наҳвии ҷумла дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асараи Э. Ҳемингвей “Пирамард ва баҳр” аз англисӣ ба тоҷикӣ чунин қайд шудааст, ки наҳви забони англисӣ ба феъл ва шаклҳои аз он сохташуда асос ёфтааст, дар ҳоле ки “маҳак”-и наҳви забони тоҷикӣ исм аст. Ҳамин тариқ, табдил додани исмҳои забони тоҷикӣ ба шаклҳои мувофиқи феълии забони англисӣ ва баръакс, дар доираи моделҳои муайяни наҳвӣ ё табдилдиҳӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар онҳо малакаҳои тарҷумаи салоҳияти техникӣ инкишоф дода шавад.

Дур умум, бобу зербобҳои диссертатсия аз нигоҳи сохтор, мантиқ ва методологияи илм дуруст корбаст гардида, дар ин змина натиҷаҳои мушаххас пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссератсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна бо ихтисоси илмии дархостшаванда 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна ба омӯзиши вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей) бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми забоншиносии муосири тоҷик аввалин буда, диссертант тавонистааст вазифаҳои гузошташударо иҷро намояд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хуссусияти ҷузъи доранд, холӣ нест ва

камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Аз ин ҷиҳат, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

1. Хуб мешуд, ки дар боби аввали диссертатсия дар баробари масъалаҳои матраҳшуда, оид ба заминаҳои таърихии вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ низ маълумот оварда мешуд;

2. Дар баъзе маврид диссертант ба пуррагӣ андешаҳои хешро зимни таҳлили ақидаҳои олимон пешниҳод карда натавонистааст (саҳ. 14, 15, 21, 30, 32).

3. Хуб мешуд, ки муаллиф оид ба нақши мутарҷимоне, ки бо дигар забонҳо асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей-ро тарҷума кардаанд, маълумот пешниҳод мекард;

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои китобатӣ-имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Дар умум, эродҳои пешниҳодшуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти умумии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонан, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Хулоса ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 26 банд ҷамъбаст кардааст, ки аҳамияти илмӣ ва амалиро доро мебошанд. Ҳамчунин, дар доираи 7 банд тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки арзиши баланди илмиву амалӣ доранд

Дар умум, диссертатсия Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –

Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, и.в. мудири кафедраи забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара», суратҷаласаи №10 аз 05.05.2025 тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 13 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
и.в. мудири кафедраи
забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Маҳмадалиев Фаррух Муродалиевич

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ,
и.в. дотсенти кафедраи
забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Самардинов Қурбон Наимович

**Котиби илмии ҷаласа:**
омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Саъдуллоев Диловар Давлатович

Имзоҳои Ф.М. Маҳмадалиев, Қ.Н. Самардинов ва Д.Д. Саъдуллоев-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ “ДДД” Тоирзода Суҳроб Тоир
«06» 05 соли 2025

*Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735320, вилояти Хатлон,*
*ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.*
*Тел: +992 833122-28-06, +992 907773610;*
*E-mail:dddangara_2013@mail.ru*